"Тасдиқ мекунам"
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
________________
«_25___»__________с. 2024

Нусха
аз суратмаҷлиси № 6-и ҷаласаи васеи кафедраҳои кори бонкӣ ва иктисод ва идораи КАС- и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

23 январи соли 2024

Раис - мудири кафедраи кори бонкии ДМТ, н.и.и., дотсент — Ғаюров Ғ.Ҳ.

Котиб - м/к — Одинаев С.П.

**Иштирок доштанд:** д.и.и., профессор Обидов Ф.С., д.и.и., профессор Умаров Ҳ. У., д.и.и., профессор Улуғхоҷаева Х.Р, д.и.и., профессор Ҳикматов У.С., д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р., н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф., н.и.и., дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ., н.и.и., дотсент Одинаев Ф.Ф., н.и.и. дотсент Саидмуродова М.А., н.и.и., дотсент Давлатшоев О.Ҳ., н.и.и., дотсент Қаюмов С.Ш., н.и.и., дотсент Ёров Ҷ., н.и.и., дотсент Сайфуллоев Н.Н., н.и.и., дотсент Имомёрбеков Ф., н.и.и., м/к Гулмамадов А.В., н.и.и., м/к Файзуллоев Т.Т., н.и.и., дотсент Ҳикматов С., н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ., н.и.и., дотсент Худойназаров Д.А.

Мутахассисони даъватшуда аз Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди ДДМИТ: д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О., д.и.и., дотсент Аминов И. ва н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г.

**Рӯзномаи ҷаласа**

Муҳокимаи рисолаи номзадии аспиранти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иктидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иктисод ва идоракунии хоҷагии халк (иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

Раисикунанда мудири кафедраи кори бонкии ДМТ, н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ.: Ҳозирини гиромӣ! Имрӯз дар ҷаласаи кафедра рисолаи номзадии Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ муҳокима мегардад.

Диссертатсия аз ҷониби аспиранти дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессор Умаров Х.

Муқарризон: д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р, н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф., н.и.и., дотсент Тағоев Ҷ.А.

Сухан ба аспирант Расулов Ҷовид Қурбонович барои шарҳи кӯтоҳи мазмун ва моҳияти рисола дода мешавад.

**Баромади аспирант:**

Устодони гиромиқадр, ҳамкорони азиз ва ҳозирини гиромӣ!

Бо арзи эҳтиром ба Шумо рисолаи илмӣ дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод мегардад.

Масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар арсаи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад ва агар дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ онро баҳогузорӣ намоем, он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз чор ҳадафҳои асосии стратегияи рушди босуботи иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Ҳанӯз 10-сол пеш аз ин Пешвои Миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 63-юми СММ баромад намуда, се масъалаи асосиро дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун масъалаҳои аввалиндараҷа ва глобалӣ арзёбӣ намуда, бо чунин тарз, яъне тағйирёбии иқлим дар рӯйи замин, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ баён намуданд. Дар ин робита, баланд бардоштани таъмини бехатари озуқаворӣ ва сифати шоистаи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои асосии илмӣ иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқот** ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-услубии масъалаи самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва пешниҳодҳои амалии мушаххас оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои Хатлон ба ҳисоб меравад.

**Объекти тахкикот** - ин раванди самаранокии истифодаи иктидори захиравӣ-табиӣ дар минтакаи Хатлон махсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳкиқот.** Ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ҳалли вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

- таҳкики ҷанбаҳои назарияви самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва хусусиятҳои минтақавии таъмини бехатарии озукаворӣ;

- услуби баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа;

- муайян намудани принсипҳои асосӣ ва хусусиятҳои минтақавии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ;

- баҳои механизми экологӣ-иктисодии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа;

- коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили самтҳои асосии дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити минтақа;

- асоснок намудани модели баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа бо назардошти таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи Хатлон.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳкикоти илмӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2024 иҷро шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти мазкур, дар заминаи маълумотҳои дақиқи минтақавӣ ва соҳавӣ таҳлили самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавӣ, инчунин таҳқиқи назария, методология ва амалӣ асоснок карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф бо маълумотҳои оморӣ ва факту рақамҳо, ҳисоботҳои вазорату идораҳои дахлдор, ки ба мавзуи мазкур дахл доранд, асоснок карда шудааст. Пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия бо натиҷаҳои илмӣ, назариявӣ ва таҳқиқотҳои таҷрибавӣ асос меёбад.

**Навгониҳои таҳқиқоти илмӣ** дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-услубии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба таъмини бехатарии озукаворӣ дар минтақаҳои Хатлон ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти нуктаҳои назари мухталифи мактабҳои илмӣ, таърифи муаллиф оид ба «иқтидори захиравӣ-табиӣ» пешниҳод гардидааст, ки ҳамчун ҷузъи асосии захираҳои табиӣ минтақа, ки ба таъмини бехатарии озуқаворecho ахолӣ, махсулотҳои аз нигоҳи сифат ва экологӣ тозаи

маҳсулотҳои озуқаворӣ, коркарди саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ, беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи экосистемаи минтақавӣ равона карда шудааст;

- пешниҳоди услуби баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа, ки ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои хушсифат ва бо миқдории кофӣ дастрас, бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои мавҷудаи замини кишоварзӣ, инчунин ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, ки ҳамчун омили захиравии таъмини бехтарии озуқаворӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад;

- дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ механизм ва усулҳои нави танзими давлатии самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа пешниҳод гардидааст, ки ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти безарар ва миқдори кофии маводи озуқаворӣ, ки он ба саломатӣ ва шароити зиндагии аҳолӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

- самтҳо асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақа муайян гардидааст, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, танзими бозори озуқаворӣ, самараноки истифодаи захираҳои замину об ва беҳдошти вазъи экологӣ нигаронида шудааст;

- зарурати дастгирии давлатии рушди минтақаҳои кишвар ва самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ он, ки бо назардошти истифодаи оқилонаи заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ, рушди соҳаҳои кишоварзӣ, ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва ҷалби бештари сармояҳои хориҷӣ равона карда шудааст;

- коркарди модели самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлон, ки аз маҷмуи чорабиниҳои дастаҷамъонаи ташкилӣ-иқтисодӣ, технологӣ-инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани таъмини бехатарии озуқаворӣ, беҳдошти вазъи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа равона мегардад.

***Хулоса ва пешниҳодҳо.*** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои зерин бароварда шуданд:

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда хулосаю пешниҳодҳои худро ба таври зайл рӯйи кор овардаем:

1. Таҳлили ҷанбаҳои назариявии таъмини бехатарии озуқаворӣ нишон медиҳад, ки сатҳи мавҷудаи он ба принсипҳои рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷавобгӯ набуда, самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва истифодаи иқтидори табиӣ-захиравии онро таъмин карда наметавонад. Дар

навбати худ, имконияти ба даст овардани озуқаи кофӣ ва сифатнокро бояд ҳар як нафар аҳолии минтақа дошта, он вазифаи муҳимми илми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, таъмини бехатарии озуқаворӣ низоме мебошад, ки барои фаъолияти тамоми низоми давлатдорӣ ва рушди иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои он, дар асоси тарористеҳсоли васеи захираҳои табиӣ ва таъмини шоистаи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

2. Низоми таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз самтҳои асосии истиқлолияти озуқавории кишвар ба ҳисоб рафта, он дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва демографии минтақаҳои ҷумҳурӣ нақши созгор мебозад. Бехатарии озуқаворӣ ва таъмини маводи ғизоӣ ҳамон вақт таъминшуда ба ҳисоб меравад, ки агар маводҳои хӯрокворӣ мувофиқ ва аз нуқтаи назари миқдору сифат безарар ва аз нигоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дастрас буда, ҳолати ғизои истеъмолӣ, истеъмол ва ҳазми он барои аҳолии минтақаҳо таъмин карда шаванд. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароитҳои хуби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, сифати ғизо ва мувофиқат кардани он ба меъёр (ратсионӣ)-и хӯрока зарур мебошад.

3. Таҳлили ҳолат ва динамикаи таъмини аҳолии минтақаи Хатлон бо маводҳои озуқа тайи солаҳои охир аз сатҳи пасти таъмини бехатарии озуқавории минтақа гувоҳӣ медиҳад. Сабаби асосии ин равандро бо камчинии маводи ғизоӣ ва бад шудани нишондиҳандаҳои саломатии аҳолӣ, вазъи бади экологӣ ва демографӣ, вазъи соҳаи кишоварзӣ ва рушди ғайрисамараноки комплекси агросаноатӣ (бахсус, масъалаи коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ) ва ғайраҳо шарҳ додан мумкин аст. Барои ҳалли ин масъалаҳо, таҳия ва татбиқи амалии барномаҳои рушди минтақа ва стретегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва татбиқи амалии сиёсати аграрӣ, масъулияти таъмини бехатарии озуқавории давлат ва ҳар як шаҳрванд, таъмини иқтисодӣ ва физикии сатҳи зарурии маводҳои озуқа ва ба миқдори зарурӣ истеъмол намудани хӯрокворӣ лозим аст.

4. Консепсияи рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ зарурати татбиқи амалии стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоии онро тақозо менамояд. Сабаби асосии онро, аз як тараф, муносибати байни афзоиши аҳолӣ ва талабот ба маводҳои озуқа ва аз ҷониби дигар имконияти талаботҳои аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ бо озуқа шарҳ додан мумкин аст. Масалан, аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ тайи 20-25 соли охир (солҳои 1995-2019) ба миқдори 3,0 млн. аҳолӣ (аз 6,7 млн. то 9,7 млн. нафар) зиёд гардида, аз рӯйи баъзе пешгӯиҳо то соли 2022 ба зиёда аз 10 млн. одам мерасад. Ин раванд, як бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бӯҳрони озуқаворӣ дар минтақа метавонад садди роҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ гардад.

5. Вилояти Хатлон иклими гарм ва хушк дошта, шароити табиӣ-иклимӣ ва суръати баланди афзоиши аҳолии минтака, имкониятҳои бениҳоят маҳдудро барои азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ ва истифодаи самараноки иктидори мавҷудаи табиӣ-захиравии он зарур мебошад. Мушкилоти озукаворӣ дар минтака сол ба сол шиддат ёфта, механизмҳои идоракунии вазъи иктисодӣ-иҷтимоии он мушкил арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, мо дар рисола меъёрҳои баҳодиҳии сатҳи таъмини бехатарии озукавориро бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва равандҳои иҷтимой-демографӣ, тағйирёбии шароити иклимӣ-табиии минтака, нигоҳ доштани шароити хуби зиндагӣ ва беҳдошти муҳити зисти одамон пешниҳод намудаем.

**ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО**

6. Дастрасии иктисодӣ ва ҷисмонии маҳсулоти хӯрокворӣ барои аҳолии минтақа бо назардошти хусусиятҳои минтакавӣ барои намудҳои асосии маводи хӯрокворӣ хеле муҳим мебошад. Имкониятҳои агроиклимии вилояти Хатлон, анъана ва маданияти заминдории кишоварзӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи аҳолии ва аъзои оилаи онҳоро бо микдори зарурии озукаворӣ аз ҳисоби даромаду истеҳсоли худӣ ва ёрмандиҳо ба кадри кофӣ таъмин намоем. Лекин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо барои маҳсулоти ширӣ таъмини озука дар минтақа дастрас мебошаду халос. Захираҳои мавҷудаи гӯшт танҳо 42%-и эҳтиёҷоти дохилии минтақаро таъмин намуда, ҷамъоварии маҳсулотҳои ғалладонагӣ ҳамаги 50-60%-и талаботи дохилии минтакаро таъмин мекунаду халос. Аз ин метавон гуфт, ки дараҷаи худтаъминкунии озука дар минтака хеле паст мебошад.

7. Таҳлили вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии минтақа дар таъмини бехатарии озукаворӣ ва бозори хӯрокворӣ низ ғайриқаноатбахш мебошад. Сабаби асосии баланд гардидани сатҳи талабот ба воридоти махсулотҳои асосии озукаворӣ - ин нисбатан кафомондани истеҳсолоти ватанӣ, бахсус корхонаҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ, аз талаботи ҳозираи аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад. Инчунин, паст гардидани ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ ва ғайриокилона ва бо мақсадҳои ғайрикишоварзӣ истифода бурдани заминҳои обӣ низ талаботи меъёри хӯроки истеъмолиро қонеъ карда наметавонад. Нокифоя будани усулҳои танзими давлатии бозори озуқаворӣ дар минтақаҳо, ки баратараф намудани онҳо низ метавонад, масъалаҳои бо маводи озуқаи худӣ таъмин намудани аҳолии минтақаҳои ҷумҳуриро то кадре ҳал намояд.

8. Дар минтакаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, минтакаи Хатлон сатҳи истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти озука дар шароити ҳозира ба таълаботи меъёри хӯрокии истеъмолӣ ҷавобгӯ набуда, васеъ гардидани талаботи истеъмолӣ бо сабаби номгӯйи маводҳои озукаворӣ тақозо

менамояд. Масалан, мувофики нишондихандахои ташкилоти ФАО ин рақам бояд дар як шабонарӯз ба 3000 ккал/одам расад, аммо он дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ 2409 ккал/одамро дар як рӯз ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳлили гурӯҳи маҳсулотҳои алоҳида мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз ҳама маҳсулотҳои зарурӣ ва ивазшаванда маҳсулотҳои ширӣ, гӯштӣ, картошка, лӯбиёдонагиҳо (махсусан нахӯд), равған ва қанд мебошанд, ки онҳо дар маҷмӯъ 90%-и калориянокии озуқаро таъмин мекунанд, ки дар ҳолати истеъмоли энергия дар соҳаи таъминнабуда (аз 50-60%)-ро дар минтақа ташкил медиҳад.

9. Базаи моддӣ-техникии мавҷудаи корхонаҳои кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон ба такрористеҳсолии иқтидори табиӣ-захиравии он имкон намедиҳад. Инчунин минтақа дараҷаи миёнаи иқтидори ҷалби сармояҳоро дошта, дар миёни минтақаҳои ҷумҳурӣ мавқеи миёнаро ишғол менамояд, ки ҳиссаи он дар фондҳои асосии комплекси агросаноатӣ дар ҳаҷми умумии сармояҳои ба иқтисодиёти минтақа воридшаванда зиёда аз 18%-ро ташкил медиҳад. Лекин, ҷалби сармояҳо барои рушди саноати хӯрокворӣ ва коркарди ашёи хом, нисбати маблағгузории асосӣ ба соҳаи кишоварзӣ хеле паст мебошад, ки он дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини бозори озуқавориро зарур мешуморад.

10. Дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ, усулҳо ва шаклҳои нави ба даст овардани намудҳои нави манбаъҳои маблағгузории истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва баҳодиҳии сифат ва бехатарии онҳо, татбиқи васеи барномаҳои давлатиро оид ба нигоҳ доштани тамоюли афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ, тавассути истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои коркарди саноатӣ дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравии минтақа ва танзими давлатии бозори озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад;

**Бо назардошти гуфтаҳои боло, баромади мазкур ба итмом расонида шуд. Ташаккур барои диққат.**

Раисикунанда н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ. барои баромади пурмазмун ба Расулов Ҷовид Қурбонович изҳори миннатдорӣ намуда, тазаккур дод, ки регламенти додашуда риоя гардид. Раисикунанда, н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ. ба ҳозирин пешниҳод намуд, ки ба қисмати саволу ҷавоб гузашта, саволҳои хешро ба унвонҷӯ пешниҳод намоянд.

**Савол: д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.:**

1. Фарқияти кори илмии Шумо аз дигар корҳои олимони ватанӣ дар чи зоҳир мегардад?

2. Вобаста ба самти рисолаи таҳқиқотии шумо кадом олимони ватанӣ кор кардаанд?

**Ҷавоб ба саволи 1.** Лозим ба ёддоварист, ки дар натиҷаи дарёфти мавод дар самти мукаммалнамоии таъмини бехатарии озуқаворӣии аҳолӣ аз ҷониби мо як қатор корҳои амиқ ба сомон расонида шуд. Махсусан, таҳияи стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ, истифодабарии самараноки иқтидори табиӣ, ҷиҳати таъмини бехатарии озуқаворӣ ва таҳлили самаранокии бехатарии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон мавриди пажуҳиши мо қарор гирифтааст.

**Ҷавоб ба саволи 2.** Вобаста ба самти рисолаи омоданамудаи мо корҳои зиёди илмӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ба табъ расидаанд. Вале самтҳои муҳими ин масъала аз мадди назари коршиносони соҳа дур мондааст. Ба хусус, бояд зикр намуд, ки самаранокии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баландбардории он дар минтақа мавриди назари олимони ватанӣ қарор нагирифтааст. Умуман метавонем зикр намуд, ки дар ин самт олимони ватанӣ ба монанди: Қаюмов Н.К., Қудратов Р.Р., Умаров Х., Самандаров И.Х., Пириев Ҷ.Ҷ. корҳои назаррасӣ илмӣ ба анҷом расонидаанд.

**Савол: н. и.и., дотсент Ҳикматов С.:**

1.Мубрамияти рисолаи шумо дар чӣ ифода меёбад?

2.Ҳангоми таҳқиқот аз кадом усулҳо истифода намудаед?

**Ҷавоб ба саволи 1.** Бояд зикр намуд, ки дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим, ин таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, вобаста ба таъмини бехатарии озуқаворӣ Президенти кишвар борҳо дар баромадҳои худ таъкид намуд ва ҷиҳати роҳандозии он барномаҳои гуногуни давлатӣ таҳия шудаанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло метавонем самти интихобнамудаи таҳқиқотро мубрам ва зарурӣ арзёбӣ намоем.

**Ҷавоб ба саволи 2.** Зимни таҳқиқот мо аз услуҳои умумиилмӣ ба монанд: иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, иқтисодӣ-математики ва ғайра истифода намудем.

**Савол: н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф.:**

1. Таъсири кадом омилҳо ба баландбардории бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёртар ба назар мерасанд?

2. Нақши давлат дар таъмини бехатарии озуқаворӣ дар чӣ зоҳир мегардад?

**Ҷавоб ба саволи 1.** Ба раванди таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, омилҳое ба монанди: инфрасохтор, логистика, заминаҳои меёрӣ-ҳуқуқӣ, шиддатнокии мушкилоти демографӣ, танзими бозори озуқаворӣ, сармоягузориҳо дар ин

самт, инкишофи технологияи КАС ва ғайраҳо. Бо ҳалли масоили номбаршуда метавонем бехатарии озуқавориро дар минтака таъмин намоем.

**Ҷавоб ба саволи 2.** Давлат дар ин самт нақши калидӣ дошта, метавонад ҷиҳати таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо заминаи заруриро фароҳам орад. Аз ҷумла, вобаста ба таҳримҳои иқтисодӣ, ивазкунии воридот, заиф гардидани назорати комплекси агросаноатӣ, кам шудани маблағгузории буҷет ва як қатор дигар сабабҳои объективӣ ва субъективӣ, проблемаи сиёсати воридотивазкунӣ ва такмили танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ хусусан барои соҳаи ғалладонагӣ аҳамияти илмӣ пайдо намуда, рӯз аз рӯз муҳимтар мегарда. Чунин тарзи танзими давлатӣ барои рушди иқтисодиёти минтақавӣ ва бозори озуқаворӣ хеле муҳим арзёбӣ гардида, барои рушди соҳаи кишоварзӣ низ мусоидат менамояд.

**Савол: н.и.и., дотсент Худойназаров Д.А.:**

1.Самаранокии бехатарии озуқавориро чӣ гуна метавонем таъмин намоем?

**Ҷавоб ба саволи н.и.и., дотсент Худойназаров Д.А.** Рақобатнокии минтака дар бисёр мавридҳо аз иқтидори табиӣ-захиравӣ (ба мисли захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва дигар омилҳо), инчунин аз шароитҳои гуногуни минтақавӣ эътибор (нуфуз), таҷрибаи хоҷагидорӣ, дараҷаи рушди истеҳсолот ва самаранок истифодабарии онҳо дар амал метавонад минтақаро бо маҳсулотҳои озуқаворӣ таъмин намуда, шароитҳои беҳтаринии зиндагиро барои аҳолӣ муҳаё созад. Дар шароити буҳрони иқтисодӣ-молиявӣ ва тағйироти ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, тараққиёти минтақаҳо метавонад сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣи кишварро дар асоси самаранок истифода бурдани иқтидори табиӣ-захиравии он иҷро намояд. Сатҳи бехатарии озуқавории минтақавӣ (ҚFS) ҳамчун маҷмӯи баҳодиҳии меъёрҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ: дастрасии ҷисмонӣ (F), дастрасии иқтисодӣ (E), кифояти истеъмоли ғизо (D) ва сифати ғизо (K), ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ҒҚРВ = F + E + D + K$$

Ҳар яке аз ин меъёрҳо сатҳи худро доранд: 1 (баланд), 2 (қобили қабул), 3 (паст), 4 (ғайри қобили қабул, паст).

**Савол: н.и.и., м/к Файзуллоев Т.Т.,**

Хусусиятҳои минтақавии бозори озуқавориро номбар кунед.

**Ҷавоб ба саволи н.и.и., м/к Файзуллоев Т.Т.** Дар шароити муносибатҳои бозорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яку якбора коҳиш ёфтани шуғли кор, сатҳи бекорӣ ва паст гардидани музди меҳнат ба назар расид, ки ин ба коҳиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба маводҳои ғизоӣ ва паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда мерасонад. Сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ

дар навбати худ, на бо пурра конеъ гардидани талаботи аҳолӣ ба ғизо, балки аз рӯйи дараҷаи конеъгардонии талаботи аҳолии минтақаҳо ба маҳсулоти хӯроквориӣ муайян карда мешавад. Дар ин раванд, таҳлили вазъи кунунии бехатарии озуқаворӣ ва арзёбии самаранокии он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барои муайян кардани талаботи аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ ва дурнамои рушди иктисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо хеле ба мавриди арзёбӣ карда мешавад. Вилояти Хатлон имрӯзҳо яке аз минтақаҳои асосии кишоварзии мамлакат мебошад. Дар ин минтақа зиёда аз 54 %-и кишти зироатҳои ғалладона ҷойгир буда, ҳамзамон 64%-и зироатҳои ғалладона дар кишварро истеҳсол менамояд. Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, ки дар мамлакат амалӣ гардид ба бартараф намудани монополияи давлатӣ оид ба замин, техника ва захираҳои истеҳсолӣ мусоидат намуда сабаби ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият - давлатӣ, коллективӣ ва хусусӣ гардид.

**Савол: н.и.и., дотсент Тағоев Х.Х.:**

Вазъи бехатарии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон чи гуна мебошад?

**Ҷавоб ба саволи н.и.и., дотсент Тағоев Х.Х.** Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки тайи солҳои 2008-2018 ҳиссаи истеҳсоли ғалла дар сохтори истеъмолии Тоҷикистон тағйир наёфтааст. Ҳарчанд истеҳсоли гандум дар ин давра аз 590,9 то 864,4 ҳазор тонна зиёд шудааст. Воридоти гандум дар ин марҳила аз 475 то 774,9 ҳазор тонна ё 62,9 % ва истеъмоли гандум - аз 1,3 то 1,8 млн. тонна афзоиш ёфтааст. Чунин тағйирёбӣ пеш аз ҳама, ба афзоиши аҳолӣ ва афзоиши талабот ба маҳсулоти ордӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои фаҳмидани сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ, фарқияти даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи сатҳи зиндагӣ муҳим буда, бо назардошти ҳудуди қобили қабул, ҳолатҳои имконпазир барои табақаҳои аҳолӣ бо таъмини ғизо ҳисоб карда мешавад. Дар асоси ин, баҳодиҳии сатҳи бехатарии озуқаворӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳое, ки тамоми ҷанбаҳои таъмини бехатарии озуқавориро инъикос мекунад чен карда мешавад, ки муҳимтаринашон дастрасии ҷисмонӣ; иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; кифоягӣ ва сифати хӯрок мебошад.

**Баромад намуданд:**

**1. Иброҳимзода И.Р., д.и.и., профессор** Масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар арсаи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад ва агар дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ онро баҳогузорӣ намоем, он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз чор ҳадафҳои асосии стратегияи рушди босуботи иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Ҳанӯз 10-сол пеш аз ин Пешвои Миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 63-юми СММ баромад намуда, се масъалаи асосиро дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун масъалаҳои аввалиндараҷа

ва глобалӣ арзёбӣ намуда, бо чунин тарз, яъне тағйирёбии иқлим дар рӯйи замин, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ баён намуданд. Дар ин робита, баланд бардоштани таъмини бехатари озуқаворӣ ва сифати шоистаи зиндагии аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои асосии илмӣ иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

**2. Ҳикматов С. н.и.и., дотсент:** Бояд зикр намуд, ки сиёсати аграрие, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шуда истодааст, пеш аз ҳама ба амалии сохтани тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, махсусан бартараф намудани мушкилоти бекорӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, дастрасии аҳолии минтақаҳо бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва худтаъминкунии озуқа, дар заминаи истифодаи самараноки иқтидори табиӣ-захиравӣ ва нигоҳдории беҳдошти муҳити зист ба ҳисоб меравaнд. Новобаста ба комёбиҳо ва дастовардҳои рушди иқтисодиёти минтақаҳо муаммои таъмини бехатарии озуқаворӣ тайи даҳсолаҳои охир ҳамчун масъалаи муҳим дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ боқӣ хоҳад монд.

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ тайи 25 соли охир (1995-2020) ба 3,6 млн. нафар зиёд гардида, аз руйи пешгӯйиҳои мутахассисони соҳа бо чунин раванди афзоиши аҳолӣ он то соли 2025 ба зиёда аз 10,5 млн. нафар одам мерасад, ки вай дар навбати худ ба сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ, сифати зиндагии одамон бетаъсир намемонад. Ин равандҳо зарурати татбиқи стратегияи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва татбиқи амалии сиёсати агроозуқавориро намуда, барои бартараф намудани масъалаи воридоти маҳсулотҳои озуқаворӣ ва таъмини аҳолии минтақаҳоро бо маводҳои озуқаи ватанӣ зарур мешуморад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи интихобгардидаро дар шароити кунунӣ метавонем актуалӣ ва муҳим баҳогузорӣ намоем. Воқеан, дар муҳимияти мавзуъ шубҳае ҷой дошта наметавонад, зеро имрӯз яке аз самтҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини бехатарии озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намоем, ки дар рисолаи номзадии Расулов Ҷовид паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии мавзуи интихобшуда ба таври зарурӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Бинобар ин, рисолаи таҳқиқотии Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи: “Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ баъд аз ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

**Раисикунанда, Ғаюров Ғ.Ҳ.:** бо назардошти баромади аспирант ва пешниҳодҳои ӯ ба аъзоёни ҷаласа, рисолаи номзадӣ ба овоз монда мешавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 20-нафар, аз онҳо бо ҳуқуки овоздиҳӣ 20- нафар, аз онҳо д.и.и., профессор 5 - нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20- нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест.

**Қарор карда шуд:**

1. Рисолаи номзадии аспирант Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ анҷомёфта ҳисобида шавад ва ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.
2. Рисолаи номзадии аспирант Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шавад.
3. Қарори якҷояи кафедраҳои кори бонкӣ ва иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2024 дар суратмаҷлиси №6 тасдиқ карда шавад.

**Раис:**
**н.и.и., дотсент, мудири**
**кафедраи кори бонкии ДМТ** **Ғаюров Ғ.Ҳ.**

**н.и.и., дотсент, мудири**
**кафедраи иқтисод ва идораи КАС** **Тағоев Ҷ. Ҳ .**

**Котиб** **Одинаев С.П.**

**Дурустии имзоҳои Ғаюров Ғ.Ҳ. ва Тағоев Ҷ.Ҳ-ро** тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**